**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия факултети ҳуқуқшиносии ДМТ: «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» омода гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инкишофи иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир ғайриимкон аст. Яке аз чунин масъалаҳо, ин таъмини аҳолӣ бо

неъматҳои ҳаётии (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғ.) сифатан хуб, ба шумор меравад. Ҳалли амалии он, самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян менамояд, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам оварда, ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ кафолат дода мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун низоми таркибии меъёрҳои ҳуқуқӣ, яке аз институтҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад, зеро он дорои меъёрҳои институтҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ мебошад, ки дар асоси иштироки субъекти махсус, истеъмолкунанда муттаҳид шудаанд. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахсии рӯзгор, ки ҳамчун воситаи асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи истеъмолкунанда хизмат мекунад.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, таҳти №72. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунанда ва фурӯшандагонро дар мавриди хариди молу маҳсулот ва фармоиши кору хизматрасонӣ ба танзим медарорад. Масъалаи муқовимат вобаста ба поймол гардидани ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сарфи назар аз ислоҳоте, ки қонунгузор дар солҳои охир гузаронидааст, имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мемонад. Сатҳи пасти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон дар якҷоягӣ бо қонунвайронкуниҳои сершумори ин соҳа ҷустуҷӯи роҳҳои конструктивии ҳалли мушкилоти мавҷударо тақозо менамояд, ки асоси онҳо таҳияи механизми самарабахши ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне мебошад, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро поймол мекунанд. Дар

баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар миёни ҳама навъҳои муқовимат ба вайронкунии ҳуқуқҳои мазкур, маҳз ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ самараноктар аст.

Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии фиреби истеъмолкунандагон, аз ҷумла камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон, бо дарназардошти рушди техникаву технологияи нав ва пайдо шудани навъҳои нисбатан нави фиреби истеъмолкунандагон, ба мукаммалгардонӣ ниёз дорад, ки бояд махсус ҳангоми таҳияи таҳрири нави КҶ ҶТ ба инобат гирифта шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар таркибҳои ҳамшабеҳ ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба ин масъала дастрас нест.

Бояд гуфт, ки динамика ва сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ, аз нав дида баромадани принсипҳои танзими давлатии ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, тағирёбии хусусияти муносибатҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ ба монанди - истеҳсолкунандагон, дистрибюторҳо ва истеъмолкунандагон алоқаманд карда шавад. Ба дараҷаи муайян, ин равандҳои бозсозӣ ба муносибатҳое, ки вобаста ба фаъолияти низоми бонкӣ, соҳаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаанд, таъсир расонд. Ҳамаи ин наметавонад дар муайяннамоии таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон таъсир гузорад. Моддаи 294-и КҶ ҶТ воситаи ҳифзи намуди махсуси муносибатҳо, яъне муносибатҳои истеъмолӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунандагон ва соҳибкорон – истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон (инчунин миёнаравҳо) ҳангоми

амалисозии ҳуқуқ ва манфиатхои қонунии (хусусияти истеъмолӣ) ҳамчун корхонаҳо ва истеъмолкунандагон бо роҳи ба амал баровардани фаъолияти савдо (фуруши мол, хизматрасонӣ), аз як тараф ва иҷрои вазифаи истеъмолкунанда, аз тарафи дигар, ба вуҷуд меоянд.

Нуктаҳои дар боло зикргардида, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян намуда, талаб менамоянд, ки баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон пешниҳодҳои самаранок таҳия карда шуда, имконияти дар амалия татбиқи онро боз ҳам зиёдтар гардонад. Дар робита бо ин, муайян кардани роҳҳои боз ҳам дурусти ҳалли масоили мазкур, дар шароити воқеияти муосир, басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Боби якуми диссертатсия – **«Ташаккул, инкишоф ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон»** аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар он пурра табиати ҳуқуқии институти мавриди назар, аз нигоҳи таърихӣ баррасӣ мегардад ва қонунгузории баъзе давлатҳои пасошуравӣ дар ин самт мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола – **«Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии унсурҳои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон»** аз чор зербоб иборат буда, дар доираи он таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии объект, тарафи объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъект, тарафи субъективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, роҳҳои нави содиршавии ҷинояти мазкур, инчунин аломатҳои бандубасткунандаи ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон мавриди таҳқиқи илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили

мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Он аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки дар он масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар ҷумҳурӣ, бо истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосири миллӣ ва хориҷӣ, инчунин маълумотҳои омории кишвар вобаста ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои тафтишотию судӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар рисолаи илмии мазкур асоснок намудани мафҳумҳо вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Кодекси ҷиноятии давлатҳои пасошуравиро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ва таҳлили диспозитсияи пешбининамудаи м. 294 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мондааст, ки ҳамчун навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб мешаванд. Инчунин, муаллиф ба муқаррароти пешбининамудаи м. 294 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ муқоиса намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешаванд, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, бо назардошти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи дуруст интихобшуда, ба муаллиф имкон медиҳанд, ки вазифахои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисолаи

мазкур, муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро таҳлил намуда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра, ба даст омадаанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Натиҷаҳои кор мумкин аст дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон истифода шаванд. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва ғайра, инчунин ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат намояд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ», «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», ҳангоми тайёр

намудани маводи таълимӣ истифода шаванд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Шарипов Самандар Самариддинович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:**

1. Омӯзиши таърихи давлат ва ҳуқуқ таснифбандии гуногуни пайдоиш ва инкишофи давлат ва ҳуқуқ, бахусус ҳуқуқи ҷиноятиро пешниҳод намудааст. Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки муҳаққиқ дар раванди навиштани рисола, нуктаи назари якчанд олими ватаниро оид ба ин масъала нишон дода, бе нишон додани асос, пешниҳоди профессор Т.Ш. Шариповро, ки марҳалаҳои асосӣ дар барпокунӣ ва инкишофёбии қонунгузории ҷиноятиро ба марҳилаҳои тошуравӣ, қонунгузории ҷиноятии шуравӣ-сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ ҷудо намудааст, дастгирӣ намуда, таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро маҳз аз рӯйи ин таснифбандӣ таҳлил намудан, мувофиқи мақсад шумурдааст (саҳ 21). Мехостем нуктаи назари муаллифро роҷеъ ба ин масъала дар ҳимояи ошкорои диссертатсия донista бошем.

2. Дар зербоби 1.1. (Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон)-и диссертатсия муаллиф масъалаи баррасишавандаро хеле хуб таҳлил намуда, дар охири зербоби мазкур 7 хулосаи ҷолиби диққат пешниҳод намудааст, аммо бо сабабҳои номаълум танҳо як хулосаи зербоби мазкур дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавада ва хулосаҳои диссертатсия нишон дода шудааст. Сабаби ҳолати мазкурро хуб мешуд, агар муаллиф дар рафти ҳимоя бо ҷавоби мушаххас асоснок менамуд (саҳ. 48-50).

3. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ, дар банди ҳаштуми хулосаҳо нишон медиҳад, ки «Таҳлили КМ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсоне, ки ба синни 15 солагӣ расидаанд ва дар корхонаҳо ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (дар асоси муносибатҳои

меҳнатӣ) машғуланд, дар сурати камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 294 КҶ ҶТ кашида намешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки ин мушкилот хеле мубрам аст, зеро дар айни замон шумораи наврасоне, ки маълумоти ибтидоӣ умумии ҳатмӣ гирифтаанд, (ва ин ҳам понздаҳсола аст) ба кор машғул мешаванд, ки аксар вақт кори онҳо маҳз бо фурӯши мол алоқаманд аст, меафзояд. Аммо дар қонуни ҷиноӣ синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноят то ҳол кам карда нашудааст. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки фиреби истеъмолкунандагон, тибқи м. 18 КҶ ҶТ, ба шумораи ҷиноятҳои начандон вазнин ва КҶ ҶТ дар қ. 2 м. 23 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои кирдорҳои бевосита дар ҳамин модда пешбинишуда синни чордаҳсолагиро муқаррар мекунад, ва мутаассифона м. 294 КҶ ҶТ дар ин номгӯй ҷой надорад» (саҳ. 151-152; 174). Сабаб дар чӣ бошад, ки муаллиф зимни таҳқиқи рисола масъалаи мазкурро ошкор намуда, роҷеъ ба он ягон пешниҳоди судманд накардааст. Аз ин лиҳоз, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки вобаста ба кадом омилу сабабҳо чунин нуқтаи назарро манзур нанамудааст, асоснок намояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда, сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст наменамоянд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҷдид намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи**

**илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи 8 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, аз ин 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои ватанӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобикати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шарипов С.С. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омузиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ,

фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои таъини ҷазо, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия, дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ, бахусус аз ҷониби кормандони суд ҳангоми таъини ҷазо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Шарипов С.С.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Шарипов Самандар Самариддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

**Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**«21» 12 2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон», 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; сомона: www.rtsu.tj; E-mail: p.rektora@mail.ru.